*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и*
*назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ*
*ва соҳибкории Тоҷикистон*
*(734055, ш. Душанбе, х.Борбад 48/5)*

*ТАҚРИЗ*

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Абдували Маҳмадсаидович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

Тавре маълум аст, сайёҳӣ яке аз соҳаҳои пешбаранда ва босуръат рушдёбандаи иқтисодиёти ғайриистехсолӣ мебошад, ки талаботи сайёҳонро ба хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддӣ қонеъ мегардонад. Аз ин рӯ, нақши сайёҳӣ дар сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ ҳадафмандона меафзояд. Гузашта аз ин, соҳаи сайёҳӣ яке аз сарчашмаҳои асоси иқтисодиёти бисёр кишварҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд мебошад. Ҳоло сайёҳӣ ба соҳаи иқтисоди воқеӣ табдил ёфтааст ва самаранокии субъектҳои он нисбатан баланд мебошад. Аз таҷрибаи кишварҳои аз нуқтаи назари сайёҳи рушдёфта (масалан Туркия, Филлипин ва ғ) чунин хулоса аст, ки соҳаи сайёхӣ яке аз соҳаҳои сердаромад аст ва дар ташаккули буҷети давлатӣ саҳми назаррас дорад.

Тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии рушди ин соҳаро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сайёҳӣ ба рушди дигар соҳаҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодиёт: савдо, нақлиёт, алоқа, кишоварзӣ, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ғайра таъсиргузор аст. Вай барои таъмини шуғлнокӣ ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ таъсири калон мерасонад. Хизматрасонии сайёҳон ҳанӯз ҳам дар дараҷаи беҳбудӣ мебошад. Аз ин лиҳоз таҳқиқи мавзӯи мазкур хеле муҳим ва саривақтӣ аст.

Муаллиф дар автореферати баррасишаванда мубрамияти мавзӯи диссертатсия ва дараҷаи омӯзиши онро асоснок намуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқотро муайян намуда, инчунин оид ба навоварии илмӣ ва назариявӣ ва аҳамияти амалии диссертатсия ва дар бораи натиҷаҳои татбиқи таҳқиқот маълумот додааст.

Муаллиф асоснок намудааст, ки бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ бо дарназардошти қобилияти таъмини иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ

ва башардӯстона, шароити зарурии рушди босуръати соҳаҳои ба ҳам алоқаманд дар рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳим мебозад.

Дар асоси таҳлили ҳолат ва сохтори хизматрасонии сайёҳӣ, таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёт тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок тартиб дода шудаанд, ки онро сохторҳои дахлдор метавонанд истифода баранд.

Дар баробари ин дар автореферат камбудиҳо низ ҷой доранд, ки асоситаринашон мавҷуд будани хулосаҳои баҳсталаб мебошад, аз ҷумла:

1. Тамоюли рушди бозори хидматрасонии сайёҳӣ барои объектҳои мушаххас (ширкатҳои сайёҳӣ) равшан нишон дода нашудааст;

2. Ба андешаи муаллиф таҳлили нишондиҳандаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи кишвар ва миқёси минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки тамоюли рушд якхела ба назар намерасад. Рушди босуръати соҳа ба шаҳри Душанбе ва минтақаи Суғд ва рост меояд (ҷадвали 3.). Хуб мешуд, агар сабабҳо ва омилҳои муайянкунандаи ин ақида шарҳ дода мешуд.

Ҳамаи мулоҳизаҳои дар боло овардашуда фикри хусусӣ буда, рафъи он аҳамияти илмии рисоларо боз ҳам баланд мебардорад ва барои диссертатсия характери тавсиявӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, аз рӯи автореферати пешниҳодшуда метавон ба хулосае омад, ки таҳқиқот пурра анҷом ёфта ҳисобида шуда, бешак, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси нишондодашуда аст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Сафаров Абдували Маҳмадсаидович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Сафаров Абдували Маҳмадсаидович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи тадқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, Алимов А.Л.

Имзои Номзади илмҳои иқтисодӣ Алимов А.Л.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳо Э.Қурбонов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Айни-44
Тел:+992907731222